Тақризи

Муқаррризи расмии диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи **“Инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

**Моҳиятва мубрамияти мавзуъ.** Мавзуи ташаккул ва тарбияти инсони комил дар осори классикони тоҷику форс басо муҳим буда, таърихи кӯҳан дорад. Паҳлуҳои мухталифи тарбия дар осори барҷастатарин мутафаккирон: Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба чандин тобишҳо ва самтҳо ҳаллу фасл гардидааст. Албатта, бозгӯ ва пажуҳиши осори ин бузургон вазифаи умдаи ҳар як муҳаққиқи ватандӯст ва илмдӯст мебошад.

Диссертатсияи мазкур низ оид ба арзиши инсон дар олами ҳастӣ ва воқеӣ, парвариш ва таълиму тарбияти он ба дараҷаи инсони комил дар осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бахшида шудааст. Инсоният дар тӯли садсолаҳои таърихӣ аз насл ба насл интиқол додани урфу одатҳо, қоидаҳои бунёди муносибатҳо ва муоширaт дар ҷомеаи муайяни миллӣ, фарҳанги он, ахлоқу арзишҳои маънавиро бо усулҳои муайяни санҷидашуда, аз ҷумла бо роҳу усулҳои мухталифи таълиму тарбия дар заминаи таҷрибаи андӯхташуда собит кардааст.

Диссертант дуруст зикр менамояд, ки педагогикаи муосир воқеӣ будани майлу хоҳиши инсонро ба худшиносӣ, таҳлилу ҳамлу хусусиятҳои зеҳнии хеш, хислатҳои шахсӣ, доираи мақсаду талаботи худи ӯ эътироф менамояд. Андешаҳои муқаддамонаи Ҷалолиддини Балхӣ дар ҷомеаи муосир мавриди омӯзиши як силсила фунуни инсонгароӣ, бахусус, улуми педагогӣ ва равоншиносӣ қарор дорад. Олимон – методистоне, ки дар давраи Истиқлолият дар ростои улуми инсонгароӣ фаъолият кардаанд, дар асоси натиҷаҳои осори Ҷалолиддини балхӣ консепсияи ташаккули низоми таълиму тарбияро бо талаботи ҷомеа ва чун “Инсони комил” ҳадафи хеш қарор додаанд.

Аз ин рӯ, гумон мекунам, ки пажуҳиши мазкур низ яке аз он амалҳоест, ки осори ин мутафаккири бузурги тоҷикро аз диди тарибияи “инсони комил” ба панҷаи таҳқиқ гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар диссертатсия зимни навгониҳои илмии натоиҷи пажуҳиш нукоти зерин собит намудааст:

-хусусиятҳои муҳимми мероси файласуфон ва мтафаккирони асри миёна, ки фаъолияти онҳо бо минтақаҳои Осиёи Миёна алоқаманд аст, бо дарназардошти шароити таърихӣ ва динӣ омӯхта шудаанд;

- унсурҳои асосии консепсияи педагогии Ҷалолиддини Балхӣ муайян, таҳия ва ба низом даровaрда шудааанд;

- андешаҳои педагогии мутафаккир, ки аз нигоҳи косепсияи муосири таълиму тарбия аҳамият дорад, муайян карда шудаанд;

- технологияҳои таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ғояҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар бораи инсонпарварӣ ва инсони комил такмил дода шудаанд;

- ғояҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар бораи инсондӯстӣ ва инсони комил дар раванди таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ татбиқ карда шудаанд;

- тавсияҳои методӣ барои воридсозӣ ва татбиқи ақидаҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида:** Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои пажуҳиш бо истифода аз корҳои илмӣ – тадқиқотӣ, ки қаблан доир ба муайян ва баррасии андешаҳои педагогии мутафаккирони Шарқи асримиёнагӣ гузаронида шуда буданд, истифодаи дастгоҳи илмию методии ба тадқиқот мувофиқ ва дуруст интихоб намудани маълумоти ибтидоӣ аз сарчашмаҳои муътамад истифодашуда таъмин карда шуданд. Дар раванди кори тадқиқотии диссерттатсионӣ хулосаву тахминҳои асосӣ борҳо ба намояндагони ҷомеаи педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муҳокима, ба даст овардани фикру мулоҳизаҳои дахлдор ва ошкор намудани камбудиҳои мавчуда баён карда шудаанд, ки мукаммал кардани онҳо бо дарёфти далелҳои иловагӣ ба манфиати асоснокии фарзия мусоидат кардаанд.

Дар диссертатсия далелу аснодҳои эмпирикии самараноки усулҳои пешниҳодшудаи татбиқи муқаррароти асосии косепсияи педагогии Ҷалолиддини Балхӣ тариқи амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва зинаҳои мухталифи омӯзишгоҳҳо зимни фаъолияти амалии чандсолаи диссертант, инчунин дар раванди баҳсҳои гирдимизӣ ва маҳфилҳову анҷуманҳо оид ба паҳлӯҳои мухталифи фарзияи пажуҳишӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидааст, ҳаллу фасл гардидааст.

**Моҳияти илмӣ – тадқиқотӣ, ҷанбаҳои амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натоиҷи диссертатсия бо пешниҳоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Моҳияти назарӣ ва амалии пажуҳиши мазкур дар он собит мегардад, ки ғояҳои муқаддамонаи педагогӣ – психологии мероси

мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс барои такмили низоми муосири тарбия ва таълим дар заминаи тақвияти ҳуввияти миллӣ ва динӣ, ки моҳияти он дар шароити ҷаҳонишавӣ авлавият дорад, кӯмак мерасонад.

Дигар, моҳияти пажуҳиши мазкур аз он иборат аст, ки талабот ба кӯшишҳои иловагӣ барои ошкор намудани неруи мероси педагогии Ҷалолиддини Балхӣ бо истифода аз имкониятҳои усулҳои муосири пажуҳиш, педагогикаи миллӣ такмил ёбад ва андешаҳои бунёдие, ки метавонад дар соҳаи тарбия тарҳи навине дарандозад, роҳнамой гардидааст.

**Натиҷаҳои нашри диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои пажуҳиш марбут ба муқаррароти асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ – методӣ ба нашр расидаанд. Бидуни ин, натиҷаҳои тадқиқот дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ ва илмию назарии конфронсҳои солона ва симпозиумҳо ва мизгирдҳои кафедраҳои гуманитарӣ ва бахусус, педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рудакӣ мавриди муҳокима ва мубоҳиса қарор гирифтаанд.

Марбут ба тақозои диссертатсия ҳашт (8) мақолаи илмӣ, аз он ҷумла чаҳор (4) мақолаи тақризшавандаи сабти КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чаҳор (4) номгӯйи мақолаҳо дар маҷмуаҳои конфронсӣ ба нашр расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот; аз ҷумла ба банди 3- Анропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш); ба банди 5- Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ – фарҳангии тарбия: ашкол, принсипҳои тарбия дар марҳалаҳои мухталиф ба камол расидани ӯ, асосҳои арзиши ташаккули раванди таълим, мушкилоти педагогии тарбия мувофиқат ва мутобиқат менамояд.

**Дар фарҷом оид ба диссертатсияи мазкур баъзе хулосаҳо ва мулоҳизаҳои хешро иброз медорем:**

1.Мавзуъ ва моҳияти он ба талаботи давраи муосири педагогикаи миллӣ созгор аст. Муаллиф дар се бобу зербобҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо тариқи қаноатбахш мавзуъро ҳаллу фасл намудааст.

2. Дар диссертатсия консепсияи таълим ва тарбия зимни осори Ҷалолиддини Балхӣ то андозае роҳи ҳалли хешро дарёфтааст.

3. Мавзуи инсонгаройӣ ва инсони комил дар мероси мутафаккир бо далелу аснодҳо собит гардидааст.

4. Диссертант кӯшиш намудааст, андешаҳои педагогии Ҷалодиддини Балхиро дар марҳалаҳо ва зинаҳои мухталифи муассисаҳои таълимӣ муайян ва музайян намояд.
5. Дар диссертатсия майлонҳои худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ дар осори Ҷалолиддини Балхӣ басо хуб таҳлил ёфтааст.
6. Диссертатсия бо автореферат ва адабиётҳои зикргардида муқоиса карда шуд ва мутобиқати онҳо собит гардид.

Бар замми мувафаққиятҳо ва комёбиҳое, ки дисертант ба даст овардааст, баъзе норасоиҳо ва нуқсу иллатҳо низ дар пажуҳиш ҷой доранд, ки таҷдиду ислоҳи онҳо зарур аст:

1.Диссертант дар қисмати муқаддима ва асоснок намудани мавзуи матраҳшаванда ба андешаҳои фалсафӣ, динӣ ва тамоилҳои ирфонии маснавии Маънавӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, аз самтҳои педагогӣ – психологии асари мазкур ба канор рафтааст.
2. Мебоист дар қисми муқаддима диссертатсияҳои то ин муддат оид ба осори Ҷалолиддини Балхӣ дар боби таълиму тарбия бахшидашуда ҳаллу фасл мегардид, ба арзиш ва пажуҳишҳои онон баҳо дода мешуд, вале ин тавр нашудааст.
3. Дар диссертатсия муҳокимарониҳои фаровоне ҷой дода шудаанд ва асарҳои файласуфон дар боби “инсони комил” таҳлил гардидаанд, ки тамоили тавассути дину тасаввуфу ирфонӣ дошта, аз педагогикаи миллӣ асаре нест.

Муқарриз аз камбудӣ ва норасоиҳои мазкур қаблан диссертантро огоҳ карда буд ва шояд дар муддати як моҳ ин ҷузъиёт ислоҳ шуда бошад. Аз ин лиҳоз, арзиши илмӣ ва пажуҳиши густардаи диссертантро тариқи мусбат арзёбӣ менамоем.

Дар хотима зикр менамоем, ки диссертатсияи номзадии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар ихтисоси 5.3.1.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқ ва мувофиқ мебошад. Диссертатсия комилан ҷавобгӯйи талаботи КОА – и назди дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори унвони номзади улуми педагогӣ мебошад.

Доктори улуми педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Хоҷаев Қурбон Тоирович
12 июни соли 2026

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБСС — Ҷураев Ш.

Суроға: 734025. Ш. Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров 46\3 хуҷ. 26. Тел: 918-66-47-08.